## 12 00 03 ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

## 12 00 03 CIVIL LAW; ENTREPRENEURSHIP LAW, FAMILY LAW, INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***УДК 349.2***
***ББК 67.405.113***

# *МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, АМАЛӢ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ВАҚТИ КОРИИ НОПУРРА*

***Шӯҳратпур Муҳаммадюсуф,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ, ПРАКТИЧЕСКОЕ И ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ НЕПОЛНОГО РАБОЧЕГО ВРЕМЕНИ*

***Шухратпур Мухаммадюсуф,*** *ассистент кафедры гражданского и трудового права ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# *THEORETICAL, PRACTICAL AND LEGAL REGULATION OF PART WORKING TIME*

***Shuhratpur Muhammadyusuf****, assistant of the department of civil and laboring law under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *mshukhratpur@list.ru*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқ, меҳнат, вақти корӣӣ, нопурра, рӯзи корӣ, ҳафтаи корӣ, давомнокӣ*

*Масъалаи танзими вақти кории нопурраи кормандон дар ҶТ баррасӣ шудааст. Таъкид гардидааст, ки аз се намудҳои вақти кории муқarraркардаи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқии истифодаи вақти кории нопурра бештар ба мушкилот дучор мегардад. Қайд шудааст, ки дар натиҷа дар амалигардонии меъёрҳои дахлдори Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вақти кории нопурра баъзан тарафҳои шартномаи меҳнатӣ ва мақомоти валолатдори давлатӣ ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Таъкид шудааст, ки дар илми соҳа низ оид ба масоили мазкур андешаи ягона вуҷуд надорад ва ҳатто мақомоти судӣ низ татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро роҷеъ ба ин масъала якранг амалӣ наменамояд. Дар мақола асосҳо ва тартиби ҷорӣ намудани вақти кории нопурра таҳқиқ карда шудааст. Фарқи вақти кории нопурра аз вақти кории зоҳиран ба он монанди кӯтоҳкардашуда нишон дода шуда, давомнокии вақти кории нопурра, ки мавзӯи муҳими баҳси илмӣ аст, пешниҳод карда мешавад.*

***Ключевые слова:*** *право на труд, рабочее время, неполный рабочий день, рабочая неделя, продолжительность*

*Рассматривается проблема регулирования неполного рабочего времени работников в РТ. Подчёркивается, что из трёх видов рабочего времени, установленных Трудовым кодексом Республики Таджикистан, больше всего сталкивается с трудностями правовое регулирование неполного рабочего времени. Отмечено, что иногда при*

*заключении трудового договора его стороны, а также работники компетентных государственных органов совершают ошибки, связанные с реализацией норм Трудового кодекса Республики Таджикистан, относящихся к неполному рабочему времени. Подчёркивается, что у исследователей, работающих в данной отрасли, нет единого взгляда на этот вопрос, а судебные органы применяют правовые нормы по этому вопросу неединообразно. Исследованы основания и порядок внедрения неполного рабочего времени. Указаны различия между неполным и сокращённым рабочим временем, предложена продолжительность неполного рабочего времени, являющаяся актуальной темой для научной дискуссии.*

***Key words:*** *right for labour, working time, part working day, working week, durability*

*The article dwells on the problem beset with regulation of part working time in TR. It is underscored that out of three kinds of working time established by Tajikistan Republic Labour Code it is legal regulation of a part time working day that confronts difficulties most of all. It is marked that sometimes when striking a labour agreement its parties, as well as officers of competent state bodies, commit errors related to realization of the norms appertaining to Tajikistan Republic Labour Code and concerned with part working time. The emphasis is laid upon the fact that researchers engaged in this branch don`t have any unified view as to this question and, as for forensic bodies, the latters apply legal norms in reference to it being not distinguished with uniform approach. The author of the article has investigated the grounds and orders of engrafting part working time. She points to differences between full and abridged working time and proposes durability of part working time being an actual topic for a scientific discussion.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки: «…Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд…» [1].

Дар асоси моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат дорад [2]. Амалишавии ҳуқуқи конститутсионии ҳар кас ба меҳнат дар Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) ба танзим даровarда шудааст. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки ба ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат вобаста аст, вақти корӣ мебошад. Вақти кории нопурра яке аз намудҳои вақти корӣ ба ҳисоб рафта, дар танзими ҳуқуқии он байни муҳаққиқони соҳа фикри ягона мавҷуд нест. Амалияи судӣ низ дар ин хусус гуногун аст.

Бори нахуст вақти кории нопурра дар «Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ оид ба меҳнат» аз соли 1970 муқаррар карда шуда буд [9, 9].

Баъд аз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили муайян кардани вақти нопурраи корӣ дар нахустин КМ ҶТ аз 15–уми майи соли 1997, №417 танзими ҳуқуқии худро ёфта, айни ҳол низ дар КМ ҶТ аз 23-юми июли соли 2016, №1329 то як андоза танзим гардидааст.

Вақти кории нопурра – ин қисми вақти кории мӯътадил ё кӯтоҳкардашуда, яъне қисми меъёри пурраи корӣ ба ҳисоб меравад [14].

Дар хусуси он, ки корманд дар шароити вақти кории нопурра кор мекунад, дар дафтачаи меҳнатии ӯ қайд карда намешавад [5, 149].

Е.Н. Редкулсева сабаби зиёд гардидани эҳтиёҷ ба вақти кории нопурраро бо омилҳои зерин вобаста менамояд: автоматиконии истеҳсолот – таъсис додани фабрикаҳои автоматиконида, дар хоҷагии деҳот ташкил намудани фермаҳо бо шумораи ками кормандон; насб кардани технологияҳои наве, ки ҳузури доимии кормандро дар ҷойи кор талаб намекунад; автоматиконии доираи хизматрасонӣ, ки дар он корҳои бо истифодаи қоғаз иҷро шавандаро ба воситаи интиқол ва нигаҳдории иттилооти электронӣ иҷро менамоянд [7].

С.М. Василиади вақти кории мӯътадил ва кӯтоҳкардашударо ҳамчун иҷрои меъёри пурраи корӣ ва вақти кории нопурраро ҳамчун иҷрои меъёри нопурраи корӣ баррасӣ аст [3, 117].

Андешаи ин муаллифро бо талаботи КМ ҶТ дастгирӣ намудан мумкин аст, зеро тибқи КМ ҶТ ба корманд дар вақти кории мӯътадил ва кӯтоҳкардашуда музди меҳнат ба андозаи пурра пардохт мегардад ва дар вақти кории нопурра бошад ба ҳаҷми истеҳсол ё мутаносибан ба вақти корӣ. Яъне андозаи музди меҳнати корманд дар вақти кории нопурра кам мегардад.

Вақти кории нопурра тибқи конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат «Дар бораи меҳнат дар шароити вақти нопурраи корӣ» аз 24 - уми июни соли 1994, №175 низ ба танзим даровarda шудааст.

К.Н. Гусов ва В.Н. Толкунова дуруст таъкид манамоянд, ки: «Давомнокии вақти кории нопурра аз вақти кории мӯътадил ё кӯтоҳкардашуда кам мебошад. Давомнокии ҳафтаи корӣ ва рӯзи корӣ мисли вақти корӣ метавонад мӯътадил, кӯтоҳкардашуда ва нопурра бошад»[8, 262].

Дар моддаи 71 КМ ҶТ намудҳои зерини вақти нопурраи корӣ муқаррар шудааст:

- рӯзи (басти, сменаи) нопурраи корӣ – масалан корманд то нисбати ӯ муқаррар шудани вақти нопурраи корӣ (дар сурати вақти кории мӯътадил – на зиёда аз 40 соат дар як ҳафта ва ҳафтаи 5 рӯзаи корӣ) ҳар рӯз 8 соат кор мекард, баъд аз гузаштан ба вақти кории нопурра бо созиши тарафҳо рӯзи кории ӯ 5, 6 ё 7 соат муқаррар шуданаш мумкин аст;

- ҳафтаи нопурраи корӣ – масалан корманд то нисбати ӯ муқаррар шудани вақти нопурраи корӣ дар як ҳафта 5 ё 6 рӯз кор мекард, баъд аз гузаштан ба вақти кории нопурра бо созиши тарафҳо нисбати корманд дар сурати шашрӯза будани ҳафтаи корӣ дар як ҳафта 5 ё 4 ва дар сурати панҷрӯза будани ҳафтаи корӣ 4 ё 3 рӯзи корӣ дар як ҳафта муқаррар шуданаш мумкин аст.

Мувофиқи ақидаи О.В. Матскевич ба корманд мумкин аст ҳам рӯзи нопурраи корӣ ва ҳам ҳафтаи нопурраи корӣ якҷоя муқаррар шуда, дар давоми ҳафтаи корӣ ҳам соати кории ӯ ва ҳам ҳафтаи кории ӯ кам карда шавад.

Ҳагоми бо созиши тарафҳо муқаррар кардани вақти нопурраи корӣ ташаббус метавонад аз ҷониби корманд ё корфармо зоҳир гардад [6, 102].

Корфармо ӯҳдадор аст оид ба тағйир ёфтани шароити меҳнат, гузариши кормандон ба низоми нопурраи вақти корӣ бо сабаби тағйир ёфтани истеҳсолот дар ташкилот, аз ҷумла дар вақти азнавташкилдиҳӣ ва (ё) кам шудани ҳаҷми кор, на камтар аз як моҳ пеш аз ба вуқӯъ омадани чунин ҳолатҳо ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ маълумот пешниҳод намояд (м.130 КМ ҶТ).

Вақти кории нопурра ба вақти кории кӯтоҳкардашуда зоҳиран монандӣ дорад, вале онҳо аз якдигар комилан фарқ мекунанд.

Муҳаққиқи соҳа В.А. Николский тазаккур менамояд, ки: «Баръакси вақти кории кӯтоҳкардашуда, ки қонунгузории меҳнатӣ ба категорияи муайяни кормандон ба тариқи ҳатмӣ пешбинӣ мекунад, вақти кории нопурра ба ғайр аз ҳолатҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ маъмулан бо созиши корманд ва корфармо низ муқаррар карда мешавад» [5, 148-149].

Мо метавонем фарқи вақти кории нопурраро аз вақти кории кӯтоҳкардашуда чунин ифода намоем:

- вақти кории нопурра ҳам ба тариқи ҳатмӣ дар КМ ҶТ муқаррар гардидааст ва ҳам бо созиши тарафҳо пешбинӣ шуданаш мумкин аст. Вақти кории кӯтоҳкардашуда ба тариқи ҳатмӣ танҳо нисбат ба категорияи кормандоне, ки қонунгузории меҳнатӣ пешбинӣ кардааст, паҳн мегардад ва бо созиши тарафҳо муқаррар карда намешавад;
- музди меҳнати корманди вақти кориаш нопурра вобаста ба ҳаҷми истеҳсол ё мутаносибан ба вақти корӣ муқаррар карда мешавад, корманде, ки вақти кориаш кӯтоҳкардашуда аст, ба музди меҳнати пурра ҳуқуқ дорад;
- вақти кории нопурра метавонад ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ва ҳам баъд аз бастани он дар давоми муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар карда шавад. Вақти кории кӯтоҳкардашуда бошад, танҳо нисбат ба категорияи муайяни кормандон аз лаҳзаи оғози муносибатҳои меҳнатӣ амал мекунад.
- дар КМ ҶТ ҳадди камтарини давомнокии вақти кории нопурра муқаррар шуда, давомнокии вақти кории кӯтоҳкардашуда бошад ҳадди аксараш муайян шудааст.

Вақти нопурраи корӣ на танҳо бо созиши тарафҳо муқаррар мегардад, балки бо риояи шартҳои пешбинӣ гардида, нисбат ба баъзе аз категорияи кормандон тибқи қонунгузории меҳнатии ҶТ ҳатман муқаррар карда мешавад:

- дар давраи огоҳонӣ дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ ба корманд ҳуқуқ дода мешавад, ки барои ҷустуҷӯи кори дигар ҳафтае на камтар аз як рӯз бо нигоҳ доштани музди кор ба кор набарояд (м.45 КМ ҶТ).
- дар асоси аризаи зани ҳомила ва дигар шахсони ӯҳдадориҳои оилавӣ дошта, ки кӯдаки то чордаҳсола ё кӯдаки маъюбро нигоҳубин мекунанд, инчунин ба корманде, ки нигоҳубини аъзои бемори оиларо мутобиқи хулосаи тиббӣ амалӣ менамояд, реҷаи рӯзи нопурраи корӣ ё ҳафтаи нопурраи корӣ муқаррар гардида метавонад (м.219 КМ ҶТ);
- бо хоҳиши модар ё падари кӯдак, падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд, бибӣ, бобо, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бепарастории падару модар мондаро тарбия мекунанд, ба корманд, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст (м.224 КМ ҶТ);
- ба кормандони маъюб агар вақти нопурраи корӣ бо хулосаи тиббӣ асоснок карда шуда бошад (м.259, 339 КМ ҶТ).

Кормандоне, ки аз тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос мегузаранд, дар мувофиқа бо корфармо метавонанд аз кор ё иҷрои кор бо шартҳои вақти нопурраи корӣ озод карда шаванд (м.123 КМ ҶТ);

В.А. Николский чунин мешуморад, ки дар сурати муқаррар кардани вақти кории нопурра дар шартномаи меҳнатӣ намуди вақти кории нопурра, соати оғоз ва анҷоми вақти корӣ ва давомнокии вақти корӣ бояд мушаххас нишондода шавад.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми қабул ба кор шарт оид ба вақти кории нопурра бо созиши тарафҳо дар шартномаи меҳнатӣ дарҷ мегардад, вале ҷорӣ кардани вақти кории нопурра ба корманди коркардаистода дар асоси созиши иловагӣ ба шартномаи меҳнатӣ муқаррар карда мешавад [5, 148].

Ҳангоми ҷорӣ намудани низоми вақти нопурраи корӣ давомнокии вақти корӣ наметавонад аз нисфи меъёри моҳонаи вақти корӣ камтар ва музди меҳнат аз андозаи ҳадди ақалли муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар бошанд (қ.3 м.71 КМ ҶТ).

Бояд тазаккур дод, ки қ.3 м.71 КМ ҶТ дар муқаррар кардани вақти нопурраи корӣ риоя гардидани ду шарти зеринро ҳатмӣ мешуморад:

1. Давомнокии вақти кории нопурра наметавонад аз нисфи меъёри моҳонаи вақти корӣ камтар бошад. Агар корманд то нисбати ӯ муқаррар шудани вақти нопурраи корӣ (дар сурати вақти кории мӯътадил – на зиёда аз 40 соат дар як ҳафта ва ҳафтаи 5 - рӯзаи корӣ) ҳар рӯз 8 соат кор кунад, баъд аз гузаштан ба вақти кории нопурра давомнокии рӯзи кории ӯ аз 4 соат кам буда наметавонад;

2. Андозаи музди меҳнати корманди вақти кориаш нопурра наметавонад аз андозаи ҳадди ақалли муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар бошад - музди меҳнати корманди вақти кориаш нопурра вобаста ба ҳаҷми истеҳсол ё мутаносибан ба вақти корӣ муқаррар карда шавад ҳам, аз ҳадди ақалли музди меҳнат (дар шароити умрӯза аз 400 сомонӣ) кам буда наметавонад.

Мазмуни меъёри қ.3 м.71 КМ ҶТ ниёз ба тавзеҳ дорад аз ин рӯ зикри якчанд нуктаро роҷеъ ба он зарур мешуморем:

1. Дар меъёри номбурда, давомнокии вақти кории нопурра на камтар аз нисфи меъёрӣ «моҳонаи» вақти корӣ пешбинӣ шудааст, ҳоло он ки дар ягон матни КМ ҶТ меъёри вақти корӣ бо «моҳ» ҳисоб нашуда, балки бо «ҳафта» ҳисоб карда шудааст. Масалан вақти кории мӯътадил на зиёда аз 40 соат дар як ҳафта, вақти кории кӯтоҳкардашуда бошад на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта;

2. Ба ғайр аз ин дар шароити ҶТ ҳадди ақалли музди меҳнатро на «санади қонунгузорӣ», балки фармони Президенти ҶТ, ки «санади зерқонунӣ» мебошад, муқаррар менамояд. Зикри ин нукта муҳим аст, зеро баръакси кишвари мо, дар асоси м.133 Кодекси меҳнатии Федератсияи Русия, ҳадди ақалли музди меҳнат дар ин кишвар бо қонуни федеративӣ муқаррар мегардад. Дар кишвари мо бошад чи тавре, ки зикр гардид бо фармони Президенти ҶТ – санади зерқонунӣ.

Зикр намудан лозим аст, ки дар асоси қ.3 м.133 Кодекси меҳнатии Федератсияи Русия (минбаъд - КМ ФР) дар сурати нопурра будани вақти кории корманд музди меҳнати ӯ аз ҳадди ақалли музди меҳнат кам буда метавонад. Тибқи қ.3 м.71 КМ ҶТ бошад ҳангоми муқаррар кардани вақти кории нопурра музди меҳнати корманд аз ҳадди ақалли музди меҳнат кам буда наметавонад. Дар ин ҷо фарқи КМ ҶТ аз КМ ФР дида мешавад. Вобаста аз он, ки КМ ҶТ ба корманд дар чунин мавриД низ музди меҳнати на камтар аз ҳадди ақаллро кафолат медиҳад, қонунгузории мамлакати мо дар сифати таъмини ҳуқуқи корманд шароити нисбатан хубро фароҳам овардааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нисбат ба ҳаҷми ҳуқуқ ва имкониятҳои корманде, ки дар вақти кории нопурра кор менамояд, андешаҳои мухталиф вомехӯранд. Муаллифони зиёд ақидаи Л.Я. Островскро нисбатан одилона мешуморанд. Номбурда изҳор менамояд, ки: «Ҳаҷми ҳуқуқ ва имкониятҳои кормандоне, ки дар вақти кории нопурра

кор мекунанд, бояд аз кормандоне, ки дар дигар намудҳои вақти корӣ кор мекунанд, фарқ дошта бошад. Ба кормандоне, ки бо вақти кории нопурра кор мекунанд, қоидаҳои тафриқавӣ оид ба давомнокии рухсатиҳои меҳнатӣ, андозаи музди меҳнат, асосҳои иловагӣ оид ба қатъ шудани шартномаи меҳнатӣ ва ғ. муқаррар карда шавад» [10, 49-50].

Ба корманди вақти кориаш нопурра, мисли дигар кормандон бе маҳдудият рухсатиҳои меҳнатӣ дода шуда, вақти кории онҳо ба собиқаи корӣ ҳисоб карда мешавад, чунин кормандон низ дар рӯзҳои истироҳати ҳарҳафтаина ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ истироҳат мекунанд [14].

Новобаста аз фарзияи пажӯҳишгарони соҳа тибқи қ.4 м.71 КМ ҶТ кор дар шароити вақти нопурраи корӣ барои корманд боиси ягон маҳдудияти давомнокии рухсатии ҳарсола, ҳисоби собиқаи корӣ ва дигар ҳуқуқҳои меҳнатӣ намегардад.

Корфармо наметавонад бе асосҳои дар қонунгузории меҳнатӣ муқарраргардида, кормандро барои вақти кории нопурра маҷбур созад ё бе хоҳиши ӯ вақти кории ӯро нопурра муайян кунад. Зеро дар сурати вақти кории нопурра андозаи музди меҳнати корманд кам мешавад. Таҷрибаи судӣ оид ба баҳсҳои меҳнатӣ якчанд қонуншиканиҳоро аз ҷониби корфармоён дар давраи бӯҳрони иқтисодӣ ошкор кардааст. Ба фикри корфармоён, ки баъзан донишҳои зарурии ҳуқуқӣ надоранд, агар ҳаҷми истеҳсолот кам шавад – бекористӣ эълон менамоянд, агар маблағ барои пардохти музди меҳнат кифоя набошад – воҳиди кориро ихтисор мекунанд. Ҳамаи ин амалҳоро корфармоён бо мақсади сарфа кардани маблағҳои пулӣ иҷро мекунанд. Вале дар асоси қонунгузории меҳнатӣ бекористӣ, ки бе гуноҳи корманд аст, музди миёнаи меҳнати ӯ, дар сурати ихтисор кардани воҳиди корӣ бошад, кӯмакпулии аз корравӣ на камтар аз музди миёнаи меҳнати корманд пардохт карда мешвад. Барои ҳамаи ин хароҷот маблағи пулӣ лозим аст, ҳоло он ки корфармо мехост ҳарҷӣ маблағро сарфа кунад. Бинобар ҳамин корфармоён бевиҷдонона кормандро маҷбур месозанд, ки тибқи ариза бо хоҳиши худ аз кор озод шавад ё ба рухсатии бемузд борояд.

Дар корхонаи соҳаи саноати вазнин ҳафтаи кории 3 - рӯза ҷорӣ гардида, шумораи кормандон ихтисор мегашт. Даъвои яке аз кормандони ин корхонаро суди марҳилаи аввал қисман қонеъ гардонид.

Матлаби аризаи даъвогӣ сари вақт напардохти музди меҳнат ва рӯёнидани зиёни маънавӣ қонеъ кардашуда, ба андозаи пурра напардохтани музди меҳнат дар давраи вақти нопурраи корӣ аз 20.11.2008 то 31.12.2008 рад карда шуд. Дар марҳилаи кассатсионӣ низ санади судӣ бетағйир монд. Вале коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ҳамаи санадҳои қабул кардаи судҳои поёниро бекор карда, парвандаро бо ҳолатҳои нав ошкоргардида, бо зикри ҳолатҳое, ки ҳангоми баррасӣ судҳои поёни бояд ба инобат гиранд, барои баррасӣ ирсол намуд. Аз ҷумла Суди Олӣ нишон дод, ки барои ҷорӣ кардани вақти кории нопурра дар корхона асосҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ вуҷуд надошт. Чунки ихтисор кардани ҳафтаи корӣ (ҷорӣ кардан ҳафтаи нопурраи корӣ) дар ин корхона бо сабаби кам шудани ҳаҷми истеҳсолот ҷорӣ карда шуда буд, ҳоло он ки тибқи қонунгузории меҳнатӣ кам шудани истеҳсолот барои ҷорӣ кардани ҳафтаи нопурраи корӣ асос шуда наметавонад [11].

Аз се намуди вақти корие, ки КМ ҶТ муқаррар менамояд, танҳо давомнокии ҳадди ниҳоии вақти кории нопурра муайян нашудааст. Дар дигар намудҳои вақти корӣ ҳадди ниҳоии давомнокии онҳо дар давоми ҳафта (мӯътадил – на зиёда аз 40 соат, кӯтоҳкардашуда на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта) муайян шуда, давомнокии вақти

кории нопурра бошад ҳадди камтаринаш (на камтар аз нисфи меъёри вақти кории муқарраршуда) мустаҳкам шудааст.

Бинобар ҳамин дар таҷрибаи судӣ оид ба муайян кардани мавҷудияти вақти кории нопурра ихтилофи зиёд ба назар мерасад.

Оё дар сурате, ки вақти кории корманд кӯтоҳкардашуда бошад (на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта) ва бо мувофиқаи корфармо ба вақти кории нопурра гузарад ва корфармо барои ӯ дар як ҳафта давомнокии вақти кориашро на зиёда аз 34 соат муқаррар намояд, чунин вақти кориро вақти кории нопурра гуфтан мумкин аст?

Роҷеъ ба ин масоил метавонем аз таҷрибаи судии дигар мамлакат, ки қонунгузории меҳнатии он дар хусуси вақти кории нопурра ба қонунгузории меҳнатии кишвари мо якзайл аст, истифода намуда, танзими ҳуқуқии онро дар заминаи қонунгузории меҳнатии ҶТ нишон диҳем.

Даъвогар дар ҶСК «Архбум» кор мекард. Бинобар ҳомиладор буданаш барои ӯ вақти кории кӯтоҳкардашуда баробар ба 35 соат дар як ҳафта муқаррар карда шуд. Баъд аз таваллуд ба корманд бо хоҳиши ӯ рухсатии меҳнатӣ барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба синни як солу шашмоҳагӣ дода мешавад.

Дар асоси қ.4 м.244 КМ ҶТ бо хоҳиши зан ё шахсоне, ки дар қ.1 м.244 КМ ҶТ зикр шудаанд, ҳангоми дар рухсатии нигоҳубини кӯдак будан, онҳо метавонанд рӯзи нопурраи корӣ ё дар хона кор карда, аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ гиранд. Аз ин маълум мешавад, ки чунин корманд дар як вақт, дар вақти кории нопурра кор карда, боз аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ то ба синни як солу шашмоҳагӣ расидани кӯдак кӯмакпулӣ гирифта метавонад.

Вале корфармо роҳбари ҶСК «Архбум» пардохти кӯмакпулиро аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ рад карда, амали худро чунин асоснок мекунад, ки дар як рӯзи корӣ танҳо як соат кӯтоҳ кардани вақти корӣ мазмуни вақти кории нопурраро надорад. Суд парвандаро баррасӣ карда ба чунин хулоса омад.

Дар давраи рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак корманд ба кор баромада, соати кории ӯ дар давоми як ҳафта танҳо рӯзи ҷумъа як соат ихтисор карда мешавад. Суд ба хулосае омад, ки танҳо дар як рӯзи ҷумъа як соат кам кардани соати корӣ мазмуни вақти кории нопурраро надорад. Ҳафтаи кории корманд мисли пештара ҳафтаи панҷрӯзаи корӣ, давомнокии кори ҳаррӯза низ ба ғайр аз рӯзи ҷумъа ба мисли пештара 7 - соат дар як рӯз будааст. Яъне ки корманд аз рӯзи душанбе то чорашанбе ҳар рӯз 7 - соатӣ, танҳо рӯзи ҷумъа 6 соат коркарда, бо ҳамин дар як ҳафта 34 соат кор кардааст.

Чунин реҷаи вақти корӣ, рӯзи кории нопурра ё ҳафтаи кории нопурра маҳсуб намегардад, барои ҳамин ҳам вақти кории нопурра эътироф шуда наметавонад. Аз ин рӯ асос барои нигоҳ доштани ҳуқуқи корманд ба кӯмакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ вуҷуд надорад [12, 53].

Дар ин таҷрибаи судӣ танҳо як ҳолати асосӣ норавшан аст. Вақти кории корманд дар як ҳафта 34 – соат аст ва инро суд вақти кории нопурра ҳисоб намекунад. Ҳафтаи кории 34 – соатиро мо вақти кории кӯтоҳкардашуда ва мӯътадил ҳам гуфта наметавонем. Пас саволи зерин ба миён меояд: вақти кории мавриди баҳс ба кадом намуди вақти корӣ мансуб аст? Дар сурате ки қонунгузории меҳнатӣ ҳамагӣ се намуди вақти корӣ (мӯътадил, кӯтоҳкардашуда, нопурра) - ро пешбинӣ менамояд.

Ба андешаи мо, модоме, ки дар КМ ҶТ ибораи «рӯзи нопурра», на «рӯзҳои

нопурра» муқаррар шудааст, дар сурати ихтисор шудани соати корӣ ҳатто дар яке аз рӯзҳои ҳафта ва ихтисор нашудани соати корӣ дар дигар рӯзҳои ҳафта, рӯзи кориро нопурра ва бо ин вақти кориро нопурра ҳисобидан мумкин аст. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, вақти кории корманди ҶСК «Архбум» гарчанде танҳо дар рӯзи ҷумъа як соат кам карда шуда бошад ҳам, вақти кории нопурра ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло барои танзими боз ҳам дақиқи вақти кории нопурра бояд дар м. 71 КМ ҶТ меъёр дар ифодаи зерин илова карда шавад: «Вақти кории нопурра метавонад бо роҳи дар як рӯзи корӣ ихтисор кардани соати корӣ, бе ихтисор кардани соати кории дигар рӯзҳои корӣ ва ихтисор накардани миқдори рӯзҳо дар ҳафтаи корӣ муқаррар карда шавад».

Чи тавре ки зикр гардид мутобиқи қ.3 м.71 КМ ҶТ «ҳангоми ҷорӣ намудани низоми вақти нопурраи корӣ давомнокии вақти корӣ наметавонад аз нисфи меъёри моҳонаи вақти корӣ камтар ва музди меҳнат аз андозаи ҳадди ақалли муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар бошанд» пешбинӣ шудааст.

Дар қ.3 м.71 КМ ҶТ барои ҳисоб кардани меъёри вақти корӣ ҳангоми ҷорӣ намудани вақти кории нопурра ибораи «меъёри моҳонаи вақти корӣ» муқаррар шудааст, ҳоло он ки дар ягон меъёри КМ ҶТ меъёри вақти корӣ бо моҳ ҳисоб карда нашудааст. Масалан дар КМ ҶТ меъёри вақти корӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

- мӯътадил - на зиёда аз 40 соат дар як ҳафта;
- кӯтоҳкардашуда - на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта.

Чи тавре ки мебинем дар КМ ҶТ меъёри вақти корӣ бо ҳафта ҳисоб карда шудааст, на бо моҳ.

Ба ғайр аз ин дар шароити ҶТ андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат бо фармони Президенти ҶТ (яъне санади зерқонунӣ) муқаррар карда мешавад, на бо санади қонунгузорӣ, ҳоло он ки дар ин модда ибораи «музди меҳнат аз андозаи ҳадди ақалли муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар шудааст. Таъкид намудани ин нукта муҳим аст, зеро баръакси кишвари мо, дар асоси м.133 Кодекси меҳнати Федератсияи Русия, ҳадди ақалли музди меҳнат дар ин кишвар бо қонуни федеративӣ муқаррар мегардад. Дар кишвари мо бошад, ҳадди ақалли музди меҳнат бо фармони Президенти ҶТ – санади зерқонунӣ муқаррар карда мешавад.

Бинобар ҳамин зарурати ислоҳ кардани қ.3 м.71 КМ ҶТ - ро муҳим мешуморем.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо дар қ.3 м.71 КМ ҶТ меъёри ҳуқуқ бояд дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад: «Ҳангоми ҷорӣ намудани низоми вақти нопурраи корӣ давомнокии вақти корӣ наметавонад аз нисфи меъёри ҳафтаинаи вақти корӣ камтар ва андозаи музди меҳнат аз андозаи ҳадди ақалли бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррargardida камтар бошад».

Дар рафти баррасии мавзӯи таҳқиқ бо такя ба ақидаи олимони соҳа мафҳуми вақти кории нопурраро шарҳ дода, муайян намудем, ки вақти кории нопурра иҷрои нопурраи меъёри меҳнат ба ҳисоб меравад ва аз ҳамин хотир андозаи музди меҳнати корманд дар чунин намуди вақти корӣ кам карда мешавад. Вақти кории нопурра зоҳиран ба вақти кории кӯтоҳкардашуда шабоҳат дошта бошад ҳам, аммо дар асл, моҳиятан аз якдигар фарқ доштани онҳоро ошкор намудем. Барои ҳисоби вақти кории нопурра КМ ҶТ ибораи «меъёри моҳонаи вақти корӣ» - ро истифода менамояд, ки ба андешаи мо ғалат мебошад ва ба ҷои ин ибора муқаррар кардани ибораи «меъёри ҳафтаинаи вақти корӣ» - ро пешниҳод намудем. Бинобар сабаби он ки дар кишвари мо ҳадди ақалли музди меҳнат бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикис-

тон муқаррар карда мешавад зарурати ислоҳи қ.3 м.71 КМ ҶТ – ро таъкид намудем.

Дар таҳқиқоти мазкур то як андоза ба масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва танзими ҳуқуқии вақти кории нопурра равшанӣ андохта бошем ҳам, масоили мазкур ниёз ба таҳқиқи боз ҳам амиқтари илмӣ дорад. Аз ҳамин лиҳоз дар пажӯҳиши минбаъдаи илмӣ роҷеъ ба масоили мазкур ҳадафҳои муайян гузошта шуда, таваҷҷӯҳи муҳаққиқони соҳаро ба масъалаҳои зерин нигаронидан воҷиб аст: муайян кардани доираи ҳуқуқ ва имкониятҳои кормандоне, ки дар вақти кории нопурра кор мекунанд; мушаххас гардонидани фарқи вақти кории нопурра аз дигар намудҳои вақти корӣ; мустаҳкам кардани қоидаи аниқ оид ба зарурати бастани созиши иловагӣ ҳангоми муқаррар кардани вақти кории нопурра ва ғ.

**Пайнавишт:**


1. *Паёми Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 [Маводи электронӣ] // http:// www.prezident.tj_(санаи муроҷиат: 27.12.2018с.).*
2. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016 [Маводи электронӣ] // http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 02.11.2018).*
3. *Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли соли 2016, №1329. [Маводи электронӣ] // http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 30.08.2017с.).*
4. *Трудовой кодекс Российской Федерации от 30 декабря 2001 года, №197-ФЗ. [Электронный ресурс] // http://www.trudkod.ru (дата обращения: 08.06.2017г.).*
5. *Никольский В.А. Трудовое право Российской Федерации: учебно-методический комплекс. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2008. – 404 с.*
6. *Гейхман В.Л., Дмитриева И.К., Мацкевич О.В. и др. Трудовое право: учебник для прикладного бакалавриата / под ред. В.Л. Гейхмана. - М.: Юрайт, 2015. – 407 с.*
7. *Редкульцева Е.Н.. Актуальные проблемы правового регулирования рабочего времени. [Электронный ресурс] // https://cyberleninka.ru (дата обращения: 04.12.18г.).*
8. *Гусов К.Н., Толкунова В.Н. Трудовое право России: Учеб. - М.: ТК Велби, Проспект, 2003. - 496 с.*
9. *Березюк Л. А. Развитие законодательства и формирование учения о неполном рабочем времени // Вестник Прикамского социального института. 2018. № 1 (79). - С. 8-13.*
10. *Островский Л. Я. Правовое регулирование индивидуальных трудовых отношений: курс лекций. Минск: ИСЗ, 2003. 96с.*
11. *Мошкович М., Бодрягина О., Захаров В. Неполное рабочее время // Газета «ЭЖ-Юрист». [Электронный ресурс] // СПС КонсультантПлюс.*
12. *Булыга Н.Н. Вопросы, возникающие при установлении неполного рабочего времени // Трудовое право. 2011. N 7. С. 51-64.*
13. *Василиади С.М. Актуальные проблемы института рабочего времени и его видов. Теория и практика общественного развития (2016, № 6). С.115-118.*
14. *Трудовое право России: УЧЕБНИК под ред. А.М. Куренного – М.: Юристъ, 2004. [Электронный ресурс] // https://www.lawmix.ru (дата обращения: 04.12.2018г.).*


**Reference Literature**

1. *TR President`s Message to Tajikistan Republic Majlisi Oli (Supreme Council) from December 26, 2018 [Electronic Version // http:// www.prezident.tj (Date of appeal: 27.12.2018).*
2. *Tajikistan Republic Constitution from November 6, 1994 with Alterations and Addenda (1999, 2003, 2016) [Electronic version // http://mmk.tj (Date of appeal: 02.11.2018).*
3. *Tajikistan Republic Labour Code from July 23, 2016, # 1329 [Electronic version // http://mmk.tj (Date of appeal: 30.08.2017).*
4. *Labour Code of Russian Federation from December 30, 2001, #197. [Electronic version // http://www.trudkod.ru (Date of appeal: 08.06.2017).*
5. *V.A. Nicolsky. Labour Law of Russian Federation. Educational-Methodical Complex. – M., 2008. Publishing Centre of European-Asian Educational Institution. – 404 pp.*
6. *Gheyhman V.L., Dimitriyeva I.K., Matskevich O.V. et alia. Labour Law: manual for applied bacherlordom // under the editorship of V.L. Gheyhman. M.: Yurayt, 2015. – 407 pp.*
7. *Redkultseva Ye.N. Actual Problems of Legal Regulation of Working Time [Electronic version // https://cyberleninka.ru. (Date of appeal: 04.12.2018).*
8. *Gusov K.N., Tolkunova V.N. Labour Law of Russia: manual. – M.: Velbi LC. "Prospect" publishing-house, 2003. – 496 pp.*
9. *Berezyuk L.A. Development of Legislation and Formation of Tenet Concerned with Part Working Time // Bulletin of Prikamsk Social Institute. 2018, #1(79). – pp. 8 – 13.*
10. *Ostrovsky L.Ya. Legal Regulation of Individual Labour Relations: the course of lectures. – Minsk: Social Protection Institute, 2003. – 96 pp.*
11. *Moshkovich M., Bodryaghina O., Zakharov V. Part Working Time // "Ezh-Jurist" newspaper [Electronic version] "Consultant Plus" Social and Service.*
12. *Bulyga N.N. Questions Coming to the Surface under Establishment of Part Working Time // Trudovoye Pravo (Labour Law), 2011, #7. – pp. 51 – 64.*
13. *Vasiliadi S.M. Actual Problems of the Institute of Part Working Time and its Types. Theory and Practice of Social Development (2016, #6). – pp. 115 – 118.*
14. *Labour Law of Russia: manual under the editorship of Kurennoy A.M. – M.: Jurist, 2004 [Electronic version // https://www.lawmix.ru (Date of appeal: 04.12.2018).*